№410/13.3-т аз 17.01.2014

Мақомоти ҳудудии андоз

Низоми имтиёзноки андозбандӣ барои хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2013, №1045 ба Кодекси андоз боби нав $47^1$ дохил карда шуд.

Дар асоси Қонуни мазкур ба Фасли XVII Кодекси андоз – низомҳои имтиёзноки андозбандӣ моддаи $313^1$ илова карда шуд, ки хусусиятҳои андозбандии хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорворо ба танзим медарорад.

Муқаррароти моддаи мазкур нисбат ба хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли саноатии хӯроки омехтаи парранда ва чорво машғулбуда, бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва (ё) қарзи бонкҳои хориҷӣ дар ҳаҷми на камтар аз 16 млн. доллари ИМА фаъолияткунанда, татбиқ карда мешавад.

Субъектҳои мазкур дар сурати аз ҷониби бонкҳои хизматрасони онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиккунанда дар бораи воридшавии маблағҳо ба суратҳисоби онҳо ва (ё) аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ гардидани воридшавии сармояи оинномавии онҳо, ҳуқуқи имтиёзоти пешбининамудаи моддаи мазкурро ба даст меоранд.

Хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво ба мӯҳлати 12 сол, аз пардохти чунин андозҳо озод мебошад:

- андоз аз фоида;
- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз молу мулки ғайриманкул;
- андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхона.

Номгӯи молҳои воридотие, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин корхонаҳо ворид карда мешаванд аз ҷониби

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Қайд менамоем, ки ҳангоми аз ҷониби ин субъектҳо таҳвил намудани молҳои воридотӣ ба бозори дохилаи ҷумҳурӣ, чунин амалиёт бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодексҳои андоз ва гумрук бо андоз аз арзиши иловашуда, боҷи гумрукӣ ва дигар андозҳо андозбандӣ карда мешавад.

Инчунин, дар сурати ба миён омадани дигар ӯҳдадориҳои андозӣ чунин субъектҳо (хоҷагиҳо, корхонаҳо) вазифадоранд, ки тибқи талаботи пешбининамудаи Кодекси андоз андозҳоро ҳисоб ва пардохт намоянд.

Барои хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво, ки дар низоми имтиёзноки андозбандӣ қарор доранд, мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ (муҳосибӣ) ва ҳисоботи андоз, инчунин мӯҳлати даъво ба мӯҳлати (давраи) пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, мутобиқи қисмҳои 2 ва 4 моддаи $313^1$ ба мӯҳлати 12 сол дароз карда мешавад.

Ҳамзамон ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз расонида мешавад, ки имтиёзоти пешбининамудаи моддаи $313^1$ Кодекси андоз барои ҶДММ "Мурғи ҳилол"-и ноҳияи Файзобод ва ҶДММ "Нутристар Тоҷикистон"-и шаҳри Душанбе аз 1 январи соли 2014 ба мӯҳлати 12 сол татбиқ карда мешавад.

Дастурамал оид ба андозбандии хоҷагиҳои паррандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво, инчунин шаклҳои эъломияҳо (ҳисобот, маълумот) тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ баъд аз тасдиқ ва интишори расмӣ, ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол карда мешавад.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2013, №1045 бо назардошти мактуби мазкур дуруст дар амал тадбиқ намоянд.

Раис Н. Давлатов